Вақте аҳли ҷаннат ба ҷаннат ворид мешаванд, Худованд мефармояд: Оё чизе мехоҳед, ки ба шумо бештар диҳам?

Аз Суҳайб (разияллоҳу анҳу) аз Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) ривоят аст, ки фармуданд: "Вақте аҳли ҷаннат ба ҷаннат ворид мешаванд, Худованд мефармояд: Оё чизе мехоҳед, ки ба шумо бештар диҳам? Онҳо мегӯянд: Оё рӯйҳои моро сафед накардай? Оё моро ба биҳишт ворид накардай? Магар моро аз оташи дӯзах наҷот надодай? Онгоҳ Худованд пардаро бармедорад, ба ин тартиб маҳбубтарин чизе, ки ба биҳиштиён дода мешавад нигоҳ кардан ба Парвардигорашон аст."

[Саҳеҳ] [رواه مسلم]

Паёмбар (саллаллоҳу алайҳи ва саллам) хабар медиҳад, ки вақте аҳли ҷаннат ба ҷаннат ворид мешаванд, Худованд ба онҳо мегӯяд: Оё чизе мехоҳед, ки ба шумо бештар диҳам? Ҳамаи аҳли биҳишт дар посух мегӯянд: Оё рӯйҳои моро сафед накардай? Оё моро ба биҳишт ворид накардай ва аз оташи дӯзах наҷот додай? Аллоҳ Таъоло ҳиҷоб (парда)-ро аз миён бармедорад, ки ҳиҷоби Ӯ нур аст. маҳбубтарин чизе, ки ба биҳиштиён дода мешавад, нигоҳ кардан ба Парвардигорашон аст.

http://www.sunnah.global/hadeeth/tg/show/8344